Бо фармони Ваколатдор
оид ба ҳуқуқи инсон дар
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз ___ _____ соли 2018
№____ тасдиқ карда шудааст.

# ДАСТУРАМАЛИ
## мансабии сармутахассиси шӯъбаи ташкилӣ, иттилоотӣ ва таҳлилии дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

### 1. Муқаррароти умумӣ

1. Номи пурраи мансаб – сармутахассиси шуъбаи ташкилӣ, иттилоотӣ ва таҳлилии дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – сармутахассиси шӯъба);

2. Тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мансаби мазкур ба мансабҳои категорияи панҷум мансуб аст;

3. Сармутахассиси шӯъба аз тарафи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ВҲИ) ба мансаб таъин ва озод карда мешавад;

4. Дар давраи муваққатан ҳозир набудани сармутахассиси шуъба уҳдадориҳои мансабии ӯро мутахассиси пешбар иҷро мекунад.

5. Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба сардори шуъбаи ташкилӣ, иттилоотӣ ва таҳлилӣ (минбаъд – сардори шуъба) тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

6. Сармутахассиси шӯъба бо роҳбарони воҳидҳои сохтории мақомот Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон вобаста ба самти фаъолияташ ҳамкорӣ менамояд.

### 2. Талаботи тахассусӣ

7. Барои мансаби сармутахассиси шӯъба талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

а) Талаботи умумӣ:

– таҳсилоти олии касбӣ (гуманитарӣ), ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансабии мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

– 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

– донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;

– донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии сармутахассиси шӯъбаро ба танзим медароранд.

б) Талаботи махсус:

– мавҷудияти малакаи хуби муоширaт, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

– кор карда тавонистан бо компютер, Веб-сайт ва Интернет, техникаи аксбардорӣ, сабти навор ва овоз;

– таҷрибаи кор дар воситаҳои ахбори омма (ВАО);

– доштани қобилияти таҳрир, тарҷума;

– дигар талаботҳо, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури хизмати давлатиро таъмин карда метавонанд.

**3. Уҳдадориҳои мансабӣ**

8. Ҳамкории муназзами ВҲИ-ро бо ВАО таъмин менамояд;

9. Мониторинги ВАО оид ба инъикоси мушкилоти ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистонро мегузаронад;

10. Дар санҷиш ва мониторинги фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат), корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон ва шахсони мансабдор иштирок намуда, гузориш пешниҳод мекунад;

11. Бо воҳидҳои сохтории мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ (ҷамоатҳо), корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, шахсони мансабдор вобаста ба самти фаъолияти шӯъба ҳамкорӣ менамояд;

12. Маводҳои вобаста ба ҳуқуқи инсон ба нашррасидаро ҳар ҳафта ҷамъоварӣ намуда дар охири ҳафта ба роҳбарияти мақомот пешниҳод мекунад;

13. Кори сомонаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсонро ба роҳ мемонад;

14. Баромадҳои роҳбарият ва кормандони мақомотро дар ВАО ташкил, назорат ва ҷамъбаст мекунад;

15. Бо кормандони Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва бо истифодабарандагони маводҳо оид ба ҳуқуқи инсон чорабиниҳои омӯзишӣ; мегузаронад;

16. Нишастҳои матбуотии мақомотро ташкил менамояд;

17. Барои ВАО оид ба фаъолияти мақомот варақаҳои матбуотӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои иттилоотӣ омода месозад;

18. Вобаста ба самти фаъолияташ дар ВАО баромад мекунад, мақола ва хабару гузориш чоп мекунад;

19. Обуна ба рӯзнома ва маҷаллаҳои давриро ба роҳ мемонад;

20. Дар банақшагирии фаъолияти ҷорӣ ва минбаъдаи шуъба иштирок менамояд;

21. Дар ташкил ва баргузории чорабиниҳои ВҲИ саҳм мегузорад;

22. Истифодаи самараноки таҷҳизоти техникӣ ва дигар асбобу амволи ба ӯ вогузоршударо таъмин менамояд;

23. Оид ба фаъолияти моҳона, семоҳа, нимсола ва солонаи худ ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва сардори шӯъба дар муҳлатҳои муқарраргардида ҳисобот пешниҳод менамояд.

24. Дигар дастуру супоришҳои роҳбарияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва сардори шӯъбаро иҷро менамояд.

## 4. Ҳуқуқҳо

25. Сармутахассиси шӯъба ҳуқуқ дорад:

– дар доираи ваколатҳои худ дар баррасии масъалаҳои доираи уҳдадориҳои мансабӣ ва қабули қарор аз рӯи онҳо иштирок намояд;

– маводи дар ихтиёри шуъба қарордоштаро омӯзад;

– ба тартиби муқарраргардида аз мақомоти дахлдор маълумот ва маводи барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ заруриро талаб карда мегирад;

– барои бартараф намудани камбудиҳои фаъолияти мақомоти дахлдор, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, шахсони мансабдор оид ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд таклиф пешниҳод намояд;

– на камтар аз 1 маротиба дар 3 сол тахассуси касбиашро баланд бардорад;

– дар таҳияи лоиҳаи дастурамали мансабии худ иштирок намояд;

– бо мақсади санҷиши муроҷиату шикоятҳо тибқи тартиби муқаррааргардида ба тамоми мақомоти дахлдор, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо ташриф орад;

– дар ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳое, ки ба фаъолияти шӯъба дахл доранд, иштирок намояд;

– ҷиҳати таҳкими фаъолияти шӯъба ва мақомоти Ваколатдор оид ба хуқуқи инсон таклиф пешниҳод намояд.

26. Сармутахассиси шуъба дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

## 5. Масъулият

27. Сармутахассиси шуъба масъулият аст:

– барои пешниҳод накардани маълумоти дуруст ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, тартиб додан ва пешбурди делои шахсии худ;

– мавҷудияти мамониатҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» барои таъин намудан ба мансаб ва дар мансаб будан;

– барои саривақт ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳои мансабӣ;

– барои риоя накардани маҳдудиятҳое, ки мувофиқи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» муқаррар карда шудаанд;

– барои риоя накардани меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ;

– барои риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо;

– барои пешниҳод накардани эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи амволӣ дар мухлатҳои муқаррааргардида;

– барои ошкор намудани сирри хизматӣ, давлатӣ ва дигар сирре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд;

– барои истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани воситаҳои алоқа, электронӣ ва дигар моликияти давлатӣ, ки барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ вобаста карда шудаанд;

– барои риоя накардани интизоми меҳнат ва қоидаҳои дохилии тартиботи меҳнатӣ;

– дигар масъулияте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

28. Сармутахассиси шӯъба барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликияти барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ вобастакардашуда тибқи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад

## 6. Муқаррароти хотимавӣ

29. Дастурамали мансабӣ дар ду нусха тартиб додашуда, як нусха дар бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ ва нусхаи дигар он пас аз гирифтани имзо, сабти ному насаб ва гузоштани таърихи рӯз дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ аз тарафи бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ ба сармутахассиси шӯъба супорида мешавад;

30. Ҳангоми ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтани ӯҳдадориҳои мансабӣ ва ҳуқуқи хизматчии давлатии маъмурӣ аз рӯи натиҷаи аттестатсия ва ё баҳодиҳии фаъолияти солона, инчунин ҳангоми азнавташкилдиҳии сохтор ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани дастурамали мансабии сармутахассиси шӯъба мегарданд, дастурамали мансабии мазкур аз нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.